**Дастурамал**
**оиди пур кардани шакли № 24 – кишоварзӣ**
**«Ҳисобот оид ба вазъи чорводорӣ»(солона)**

Дар ҳисоботи мазкур нишондиҳандаҳо аз аввали сол то давраи ҳисоботӣ бо ҷамъи афзоянда ба ҳисоб гирифта мешавад, ба ғайр аз саршумори чорво, паранда, ки ба рӯзи ҳисоботӣ гирифта шудааст.

Бинобар сабаби мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор додани вазъи соҳаи чорвопарварӣ дар чадвали нишондиҳандаҳо нишондиҳандаи ҳамин давраи соли гузашта, киз илова карда шуд.

Дар ҳолати барҳам хурдани хоҷагӣ ё худ ба дигар хоҷагӣ додани саршумори чорво ва парранда дар ҳисоботи хоҷагие, ки чорворо медиҳад дар сатри №75 «фурӯхта, супорида ба иваз додан ва дигар хориҷшавиҳо ғайр аз фурӯхтан ба аҳолӣ» нишон дода мешавад. Чорвои фурӯхташуда дар ҳисоботи хоҷагие, ки чорворо қабул мекунад дар сатри №61 «Харида шуд, ба иваз гирифта шуд, дигар дохилшавиҳо (ғайр аз харидан аз аҳолӣ) ба ҳисоб гирифта мешавад)».

Ҳамаи маълумоти оиди маҳсулотҳо, гардиши чорво то давраи доду гирифт дар ҳисоботи ҳамон хоҷагие, ки аз нав ба шакли дигар корхонаҳои хоҷагии кишоварзӣ ташкил ёфта бошад, нишон дода мешавад.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, даромад ва бароmади дар хоҷагии навтаъсис бо ҷамъи афзоянда аз рӯзи ташкил ёфтани он ҳисоб карда мешавад.

Фаъолияти истеҳсолии хоҷагӣ аз аввали сол то давраи барҳамдиҳӣ бо розигии дутарафа нишондиҳандаҳо дар шуъбаҳо, бригадаҳо фермаҳое, ки дар ҳисоби ин ё он хоҷагие, ки ҳисобот додаст аз рӯи тартиби муқаррари гузаронида мешавад.

Дар давоми сол якҷояшавии ду ва зиёда хоҷагӣ ба амал оянд, хоҷагии навташкилёфта маълумотро оиди даромад ва баромади чорво дар ҷамъи якҷоягӣ ба ҳисобот дохил мекунад.

Дар ҳисоботи хоҷагиҳое, ки барҳам дода мешаванд, ё худ аз нав ташкил меёбанд дар эзоҳот нишон додан зарур аст, ки чорво бо кадом хоҷагӣ дода шуд ё аз кадом хоҷагӣ гирифта шуд.

Хариди маҳсулот ва чорво аз тарафи ташкилотҳои маҳсулоттайёркунанда ва дигар ташкилотҳои иҷоракор дар асоси ҳуҷҷат оиди доду гирифти чорво ва ҳуҷҷати нақлиёти боркаш, ҳуҷҷатҳо оиди даромади маҳсулот дар китоби шакли №40 (китоби анбор) ба қайд гирифта мешавад.

**Қисми I. Маҳсулоти чорво**

Дар сатрҳои 1 ва 2 (67+69+71) ҳамаи чорво ва паррандаи кушташуда ва дигар фурӯшҳо барои гӯшт дар вазни зинда дар соли гузашта ва ҷамъбасти соли ҳисоботӣ нишон дода мешавад.

Барои дурустии сатрҳои 1 ва 2 аз қисми II сатри 67 «ба давлат фурӯхта шуд», сатри 69 «дар хоҷагӣ кушта шуд», сатри 71 «дигар фурӯшҳо барои гӯшт (якҷоя бо бартер)» ҳисоб карда мешавад.

Дар сатри 3 «Шири гови дӯшида шуд» бо якҷоягӣ аз аҳолӣ мувофиқи шартнома харидашуда ба ҳисоб гирифта мешавад; ҳамаи шири дӯшидашуда аз модаговҳои подаи асосӣ ва гӯштӣ. Шире, ки гӯсола аз модаговҳо макидааст ба ҳисоб гирифта намешавад.

Дар сатри 4 шире, ки дар асоси шартнома аз аҳолӣ харида шудааст нишон дода мешавад.

Дар сатри 5 шире, ки аз подаиговҳои ҷӯшо дӯшидашуда аз сатри 02 ба ҳисоб гирифта мешавад.

Дар сатри 6 шири байталҳо (асп) дӯшидашуда ба ҳисоб гирифта мешавад.

Дар сатри 7 тухмӣ аз ҳамаи намудҳои парранда гирифта шуда ба ҳисоб гирифта мешавад, то санаи ҳисоботӣ (аз ҳамаи мурғҳо, мурғобӣ ва ғайра) инчунин тухме, ки чӯҷа хобонида шудааст низ ҳисоб карда мешавад.

Дар сатри 8 аз ҷумла тухми мурғ (аз сатри 06) нишон дода мешавад, ки ба хоҷагӣ мансуб бошад.

Дар сатри 9 «Пашми гӯсфанд тарошида шуд», пашми ҳақиқии тарошидашуда бо вазни физикӣ нишон дода мешавад. Дар ин сатр миқдори пашме, ки аз дигар намуди чорво тарошида мешавад (ғайр аз гӯсфанд) ба ҳисоб гирифта намешавад.

Дар сатри 10 «Ба ғайр аз он, пашм аз аҳолӣ мувофиқи шартнома харида шуда» нишон дода мешавад.

Дар сатри 11 «Тибити буз наддофӣ карда шуд» дар ин сатр пашм аз бузҳои маҳинпашм (ангорӣ) ба ҳисоб гирифта мешавад.

Дар сатри 12 «Пашми буз тарошида шуд» пашми тарошидашуда бо вазни физикӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

Дар сатри 13 «Пӯсти чорвои калон ва майда ҳамаги гирифта шуд» дар ин сатр ҳамаи пӯсти ҳайвони калони шохдор, аспҳо, уштурҳои дар хоҷагӣ кушташуда ва пӯсти чорвои талафёта ба ҳисоб гирифта мешавад.

Дар сатри 14 «Пӯсти чорвои калон гирифта шуд» дар ин сатр пӯсти чорвои калони дар хоҷагӣ кушта шуда, ҳаром аз талафшуда гирифта шуда нишон дода мешавад.

Дар сатри 15 «Пӯсти чорвои майда гирифта шуд» дар ин сатр пӯсти чорвои майдаи дар хоҷагӣ кушта шуда, ҳаром аз талафшуда гирифта шуда (гӯсфандҳо, бузҳо, хукҳо) нишон дода мешавад.

Дар сатри 16 «Асал истеҳсол шуд» асали хоҷагиҳое, ки оилаи замбӯри асал доранд ва ё ба замбурпарварӣ машғуланд нишон дода мешавад.

Дар сатри 17 «Поруи чорво ҷамъ оварда шуд» порӯи аз чорвои калон ва майда ҷ хоҷагиҳое, ки оилаи замбӯри асал доранд ва ё ҷамъоваригардида

нишон дода мешавад. Баҳисобгирии порӯ ба хотири дар маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳисоб гирифтани арзиши он ҳисоб карда мешавад.

## Қисми II. Ҳаракати саршумори чорво ва мурғ

Дар ин қисм саршумори чорвои мавҷӯда ва ҳаракати он дар давраи ҳисоботӣ нишон дода мешавад.

Дар сатри 55 «чорвои дар аввали сол ба 1 январ дар хоҷагӣ мавҷудбуда» новобаста аз он, ки чорво дар ҳисоби иҷораи оилавӣ ё шартномавӣ мебошад нишон дода мешавад.

Чорвое, ки ба корхонаҳои байнихоҷагӣ дода шудааст бе ҳуҷҷати шакли ПК-1 аз ҳисоб баровара намешавад.

Дар сатри 56 аз он ҷумла дар ҳамин давра саршуморе, ки дар асоси шартнома ба хоҷагиҳои алоҳида дода шудааст ба ҳисоб гирифта мешавад.

Дар сатри 57 «аз аввали соли ҳисоботӣ модаговҳо, ғуноҷинҳои бордоршуда, гӯсола, модахукҳои асосӣ ва санҷишӣ хукбачча, мешҳо барра, бузҳо бузғола ва байталҳо тойча зоиданд» нишон дода мешавад.

Ҳар як насле, ки ба қайд гирифта шудааст дар асоси санади даромад ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар ҳолати мурда зоидашудани насл ба ин сатр дохил карда намешавад.

Дар сатри 58 аз он ҷумла, ғуноҷинҳои бордоршуда, гӯсола зоиданд (аз рӯи сутуни 1) ғуноҷинҳои бордоршуда, ки насл додаанд аз рӯи сутуни 2 модахукҳои санҷишӣ хукбачча зоиданд, ба гурӯҳи асосӣ гузаронида мешавад.

Дар сатри 59 «гусолаҳо, хукбачаҳо, барраҳо, бузғолаҳо ва тойчаҳои зинда зоидашуда аз чорвои хоҷагиҳо буда ва дар хоҷагии худ бо усули чӯҷа хобонидан, инчунин дар инкубатории хоҷагӣ чӯҷа баровара шуда» ба қайд гирифта мешавад, дар ин сатр мурда таваллудшуда ба қайд гирифта намешавад.

Дар сатри 60 «аз он ҷумла гӯсола аз модаговҳо, хукбачча аз модахукҳои асосӣ зоида шудааст», ки аз сатри 59 гирифта шудааст ба ҳисоб гирифта мешавад.

Дар сатри 61 «харида шуд, ба иваз гирифта шуд ва дигар воридшавӣ» (ба ғайр аз аҳолӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ харидшуда) ва дар сатри 62 вазни зиндаи он нишон дода мешавад. Дар ин сатр ҷавонаҳои аз дигар хоҷагиҳо ба мақсади парвариш ва бордоркунӣ оварда шуда нишон дода мешавад.

Дар сатри 63 «аз аҳолӣ харида шуда» (ба ғайр аз хоҷагиҳои деҳқонӣ) хоҷагӣ ба ҳисоб мегирад. Чорвое, ки аз муассисаҳои хоҷагии қишлоқ гирифта шуда ба ивази талафот додан моли гумшуда ва дигар хел фалокатҳо, моле, ки ба контратаксия гирифта шуда ва то рӯзи ҳисобот ба чорвои харидашуда ҳисобот дода нашуда бошад беэтибор дониста мешавад ва дар сатри 64 вазни зиндаи онҳо нишон дода мешавад.

Дар сатри 65 ва 66 «аз хоҷагиҳои деҳқонӣ харидашуда» нишон дода мешавад. Ҳамаи чорво ва паррандае, ки ҳақиқӣ аз хоҷагиҳои деҳқонӣ барои дар оянда парвариш кардан, ба гӯшт супоридан, дар асосӣ шартномаи

байни хоҷагӣ ва аҳолӣ харида шудааст ва вазни зиндаи он нишон дода мешавад.

Дар сатри 67 ва 68 «ба давлат фурӯхта шуд» ва вазни зиндаи он нишон дода мешавад. Дар ин сатр ҳамаи чорвое, ки ба муассисаҳо чорвоқабулкунӣ ва истеъмолкунандагон дар шакли озод, чорвои дар парвариш буда ва аз аҳолӣ харидашуда нишон дода мешавад.

Чорвои дар хоҷагӣ кушташуда дар сатри 69 ва вазни зиндаи он дар сатри 70 нишон дода мешавад.

Дар сатри 71 «дигар фурӯшҳо барои гӯшт ( якҷоя бо ивазкунӣ)» ва ҳамаи чорвое, ки дар хоҷагӣ кушта шудааст ва барои хӯроки умумӣ фурӯхта шудааст дохил карда мешавад.

Дар сатри 72 вазни зинда нишон дода мешавад.

Дар сатри 73 «ба ғайр аз он барраҳо барои пӯст кушта шудааст» хоҷагиҳое, ки барои парвариши гӯсфанди қароқулӣ машғуланд.

Дар сатри 75 «фурӯхта, супорида, ба иваз додан ва дигар хараҷот» (ба ғайр аз ахолӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ фурӯхтан) дар сатри 76 вазни он нишон дода мешавад.

Дар сатри 77 «ба аҳолӣ дода ва фурӯхта шуд», бо якҷоягии ҷавонаҳои дар бозор фурӯхта шуда(ба ғайр аз хоҷагиҳои деҳқонӣ фурӯхта шуда) ва дар сатри 78 вазни зиндаи он нишон дода мешавад. Дар ин сатрҳо хароҷоти чорвое, ки дар сатрҳои болоӣ нишон дода шудааст баҳисоб гирифта мешавад.

Дар сатри 79 «ба хоҷагиҳои деҳқонӣ фурӯхта шуд», ва дар сатри 80 вазни зиндаи он нишон дода мешавад. Дар сатр чорво ва паррандае, ки барои парвариш ба муассисаҳои байнихоҷагӣ дар асоси шартнома дода шудааст, нишон дода мешавад.

Дар сатри 81 «ҳамаи чорвои талафёфта ва ҳаром мурдагӣ» якҷоя бо ҷавонаҳои дар соли ҳисоботи таваллудшуда ба ҳисоб гирифта мешавад (хукҳо, хукбачаҳои то 4 моҳа, ки таваллуд шудааст, аз офатҳои табии нобудшуда, дар об рафта, гург хӯрда, гӯсолаҳои таваллуд шудаи соли ҷорӣ гумшуда, ҳаром мурда, инчунин дар ин сатр чорвое, ки аз он гӯшташ барои хӯроки умумӣ истифода нашудааст) дохил карда мешавад.

Дар сатри 82 «аз он ҷумла ҷавонаҳои дар соли ҳисоботӣ талаф шудааст», нишон дода мешавад.

Дар сатри 83 дигар намуди баромад (хароҷот) нишон дода мешавад.

Дар сатри 84 «модаговҳои аз подаи асосӣ ба дигар гурӯҳ» (ба фарбеҳу парвонкунӣ) гузаронида шудааст нишон дода мешавад.

Дар сатри 85 «дар 1 январи соли 200_ чорво ва парранда мавҷуд аст». Баъд аз пур кардани маълумотҳои ҳисоботӣ муҳосиби хоҷагӣ барои тафтишоти дурустии маълумотҳо қисми даромад ва баромади онҳоро баҳисоб мегирад. Барои ҳамин ҳам сатри 55+59+61+63+65-67-69-71-73-75-77-79-81-83 аз рӯи сутуни 2 ба ҷои сатри 59 сатри 58 бояд баробар бошад.

Дар сатри 86 вазни зиндаи чорво ва паррандаи дар охири сол мавҷуд буда нишон дода мешавад.

Дар сатрҳои аз 87 то 114 қисми III дар асоси сатрҳо ҳама чорво, парранда, харгӯш, ки ба хоҷагӣ таалуқ дорад, новобаста аз он, ки дар фермаҳои хоҷагӣ ва ё дар чарогоҳ, дар ихтиёри иҷоракорони алоҳида аст нишон дода мешавад. Ба чорвои мавҷуда нишон дода намешавад: чорвое, ки камомад карда шудааст, дуздидашуда, талаф шудааст, ки он аз ҳисоби шахсони ҷавобгар барқарор карда мешавад. Чорво ва паррандае, ки аз аҳолӣ харида ва ба ҳисоби хоҷагӣ ҳоло даромад нашудааст баҳисоб гирифта намешавад. Ба ҳисоби харид донистa мешвад дар он мавриде, ки чорво дар асоси санад дар корхона ба даромад гирифта шуда бошад. Дар давраи ҳисоботӣ ғуноҷинҳои ҳақиқӣ бордор кардашудагӣ ва сунъӣ бордор карда шудаи 2 сола ва калон новобаста аз он, ки давраи зоиши он муайян карда шудааст ё ба қайд гирифта мешавад ва дар сатри 89 нишон дода мешавад. Ғуноҷинҳои бордор карданашуда аз ду сола калон дар сатри 90 ва дар сатри 91 бордоркарданошуда нишон дода мешавад.

Дар сатри 92 «Буққа» дар ин сатр буққаҳои наслдиҳанда ба ҳисоб гирифта мешавад.

Дар сатри 93 «Барзаговҳои корӣ» ба қайд гирифта мешавад дар ин сатр чорвои калони корӣ, ки барои иҷрои корҳои арроба, ҷуфт, достҳои алафдаравӣ, алафҷамъкунак ва ғайра  истифода бурда мешавад ба қайд гирифта мешавад. Буққачаҳои то 2 сола ва ахта кардашуда то 2 сола, дар ин сатр гирифта намешавад. Барзаговҳои бо сабаби касалии муваққатан истифода нашаванда дар ин сатр баҳисоб гирифта мешавад. Оиди ин ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда дар корхона бояд бошад.

Дар сатри 94 қутосҳо ва дар сатри 95 аз он ҷумла модақутосҳо ба ҳисоб гирифта мешавад.

Дар сатри 98 чорвои барои гӯшт парваришшуда чорвои дар фермаҳо парвариш буда ва хоҷагиҳое, ки самти асосии онҳо чорвои гӯшти махсусгардонида шуда мебошад, модаговҳое, ки барои такрористеҳсолкунӣ ва гӯсолаҳои то 8 моҳа дар ҳолати пурра маън кардани душиш, чорво модаговҳо ба қайд  гирифта мешавад.

Дар сатри 99 аз он ҷумла: модагови барои гӯшт парваришшуда нишон дода мешавад.

Дар сатри 100 аз саршумори умумии гӯсфанду буз ва дар сатри 95 аз ҷумла, алоҳида гусфанд ба ҳисоб гирифта мешавад.

Дар сатри 101 гӯсфанд.

Дар сатри 102 аз он ҷумла меш ва барраи модаи аз 1 сола калон ба ҳисоб гирифта мешавад.

Дар сатри 103 бузҳо ва дар сатри 104 аз он ҷумла модабузҳо баҳисоб гирифта мешавад.

Дар сатри 105 аз саршумори умумии аспҳо байтали 3 сола ва калон ва дар сатри 106 ҳамаи аспҳои корӣ, байталҳо ва галаи аспон нишон дода мешаванд.

дар сатри 107 аспи корӣ нишон дода мешавад.

Дар сатри 108 аз саршумори умумии уштурҳо, уштурҳои мода ба ҳисоб гирифта мешавад.

Дар сатри 109 аз ҷумла уштурҳои мода нишон дода мешавад.

Дар сатри 110 харҳо, дар сатри 111 харгӯшҳои ҳамаи сину сол ва дар сатри 112 аз он ҷумла харгӯшҳои мода нишон дода мешаванд.

Дар сатри 113 шумораи оилаи замбӯри асал.

Дар сатри 114 саршумори миёнаи солонаи мокиёнҳо ба ҳисоб гирифта мешавад.

**Қисми IV. Шумораи парранда дар 1 январ**

Дар сатрҳои мазкур нишондиҳандаҳо аз руи ҳамаи намуди парандаҳо дар алоҳидагӣ нишон дода мешавад мокиёну хурӯс ҳамагӣ ва мокиёнҳо дар гурӯҳи калонсолон новобаста аз он, ки ба рӯзи ҳисобот тухм гирифта мешавад ё не. Бояд қайд кард, ки мурғи ҷавон (ҷӯҷаҳо) давраи гузаронидан ба мурғи тухмкунанда 150 рӯз, мурғҳои гӯштӣ ва тухмкунанда мӯҳлати гузарониданаш 180 рӯз мебошад.

**Қисми V. Ҷуфтӣ ва сунъи бордор карда шуд**

Дар сатри 125 модагов ва ғуноҷинҳои ҳамагӣ бордор карда шудааст ва дар сатри 126 аз он ҷумла ғуноҷинҳои бордор карда шуда ба таври ҷуфтӣ ва сунъӣ бо ҷамъи афзоянда аз аввали сол ҳисоб карда мешавад. Нишондиҳандаҳои ин сатр дар асоси маълумотҳои китоби қайд бордоркунӣ баҳисоб гирифта мешавад.

Дар сутуни 1 ҷуфтӣ ва сунъӣ бояд қайд карда шавад, ҳамаи саршумори бузу гӯсфандон новобаста аз он, ки қисми аз ин саршумор дар давоми сол аз хоҷагӣ бароварда шудааст ва дар сутуни 2 ҷуфтӣ бордор карда шуда ва аз он сунъӣ бордор карда шуд дар сутуни 3 сабт мегардад.

Дар сатри 127 меш ва барраи модаи аз 1 сола калонтар ҳамагӣ баҳисоб гирифта мешавад.

Дар сатри 128 модабуз ва сатри 129 байтали 3 сола ва калонтар ҳамагӣ баҳисоб гирифта мешавад.

Ҳисобот бо имзои роҳбар ва сармуҳосиб дар муҳлати муайян шуда ба мақомоти омори ноҳия (шаҳр) пешниҳод карда мешавад.

Шахси имзокунанда барои эътимоднокии маълумотҳои ҳисобот ва дар мӯҳлати муайяншуда пешниҳод намудани он ҷавобгар аст.